«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи байналмиллалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи С. Улугзода
доктори илми филология, профессор
____________ Гулназарзода Ж. Б.
«26» августи соли 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Ализода Наврӯз Алӣ дар мавзуи «Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.**

Диссертатсияи Ализода Наврӯз Алӣ дар мавзуи **«Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон»** ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси **10.01.09 – Фолклоршиносӣ** мувофиқат мекунад.

Зарбулмасал дар рӯзгори маъмулии одамон дар тули қарнҳо ҳамчун андарзу ҳикмат барои тарбияи мардум, чун сабақи зиндагӣ нақши арзишмандро адо намудааст. Аз ин ҷиҳат, ба таври густурда мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор додани ин жанри хеле машҳури шифоҳӣ аз ҳар ҷониб дорои аҳаммияти илмӣ мебошад, чунки ин жанр на фақат барои панду андарзи одамон, балки ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ дар осори адибон низ ба таври фаровон ба кор рафтааст. Бузургон «Зарбулмасал дар сухан асал» гуфтаанд, ки дуруст аст ва, воқеан ҳам, он гуфторро ширину дилкаш мегардонад ва ҳамсуҳбатро азизу арҷманд. Пажӯҳиши зарбулмасалу мақолҳо ва анвои дигари паремиологии халқҳои ҷаҳон дар нимаи дувуми садаи XIX дар Аврупо авҷ гирифта, баъдан пасопеш дар фолклоршиносии халқу кишварҳои дигар роҳ ёфтааст. Аз он ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии исломии Афғонистон дар асри XX шуруъ шудааст.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.**

Мубрамиву зарурати таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, вазифаи асосии масъалаҳои таҳқиқшаванда, навгониҳои таҳқиқ, моҳияти назарию амалии он, сохтори умумии кор, инчунин нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаву натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуктаи назари хоси ӯро нисбат ба мавзуи пажӯҳиш инъикос мекунанд. Саҳми шахсии муаллиф дар омӯзиши назария ва консепсияҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси диссертатсия, таҳлилу баррасии онҳо, омода намудани мақолаву суханрониҳо зоҳир мешавад. Муаллиф ба таҳқиқи масъалаи илмӣ аз методҳои адабиётшиносӣ истифода карда, равия ва ҷараёнҳои нави пажӯҳиши адабиётро ба эътибор гирифтааст. Диссертатсияи пешниҳодшуда аввалин таҳқиқ аст, ки фарогири қариб ҳамаи корҳои то ба имрӯз нисбат ба зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон анҷомёфта мебошад ва ин тарафи таҳқиқ актуалӣ будани мавзуи онро дучанд меафзояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар асоси методҳои таърихӣ-муқоисавӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳлилӣ-оморӣ, таҳлили сохтори асари бадеӣ ва консепсияи таҳлили забону услуби асари бадеӣ, таҳқиқи типологии жанрҳо навишта шудааст. Тибқи андешаи муаллиф, зарбулмасалҳо дар воҳаи Афғонистон ҳамчун ганҷинаи эҷодиёти халқ адабиёти шифоҳиро ғанӣ гардонида, сухани мутакаллимро ширину рангин, муассиру ҷаззоб ва муаттару хушҷавҳар мегардонанд. Аз ин рӯ, бо масъулият метавон иддао кард, ки диссертатсияи аз ҷониби Ализода Наврӯз Алӣ анҷомёфта бо назардошти мураттаб баён шудани мавзуъ ва тарҳи мантиқан муназзам доштани бобу фаслҳо ва нуктаҳои муҳимми ҳимояшаванда қобили пазириш аст. Рисолаи номзадии Ализода Наврӯзалӣ дар мавзуи **«Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон»** аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, се

боб бо фаслу зерфаслҳо, хулоса, рӯйхати адабиёт, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмии муаллиф дар мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқ,** пеш аз ҳама, дар он аст, ки дар бораи зарбулмасалҳои Афғонистон то ҳол рисолаи илмии алоҳида, ки дар он масъалаҳои гирдоварӣ, нашр ва баррасии онҳо таҳқиқ шуда бошад, таълиф нашудааст. Аз ин ҷиҳат, ин диссертатсия як навъ кори маҷмуии дарбаргирандаи беш аз садсола буда, муаллиф дар он ба баррасии поэтикаи ин жанр, аз ҷумла истилоҳ, гирдоварӣ, нашр, пажӯҳиш, хусусиёти жанрӣ, мавзуъ ва бадеияти он ба таври муқоисавӣ пардохтааст. **Арзиши назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар он зуҳур меёбад, ки дисертатсия ҳамчун нахустин асари илмӣ дар шинохти масъалаҳои поэтикӣ, назарӣ, бадеӣ ва сохтори зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон, ҳамчунин барои таҳқиқи жанрҳои дигари фолклорӣ низ муфид хоҳад буд. Дастовардҳои диссертатсия барои ҳалли баъзе масоили назарии забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва ҷомеашиносӣ низ ба кор хоҳад рафт. Дар муқаддима муаллиф оид ба зарурати интихоби мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, таъйини мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, бозёфтҳои илмии диссертатсия, методологияи таҳқиқ ва арзишҳои назарию амалии он суханронӣ намудааст. Рисола дар сатҳи хуби илмӣ таълиф шуда, осори зиёди адабию таърихӣ, баҳс ва иттилооти сарчашмаҳои илмиро ба забонҳои мухталиф фаро гирифтааст. Диссертант дар бахши «Аҳамияти мавзуи таҳқиқот» моҳияти кор ва мақсади худро дуруст шарҳ додааст. Муаллиф моҳияти мавзуъ ва масъаларо хуб таҳлил карда, дар асоси методологияи мушаххас омӯзиш ва баррасии мавзуъро ба таври илмӣ тарҳрезӣ намудааст. Боби якуми диссертатсия ба таърихи гирдоварӣ, нашр ва таҳқиқи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон бахшида шуда, фарогири се фасл аст. Ин боб барои ворид шудан ба масъалаи асосии рисола мадхали хубу бамаврид ба шумор меравад. Дар фасли нахуст истилоҳи

зарбулмасал ва муродифҳои он дар байни мардум – масал, матал, тамсил, ҳакам, ҳикам мавриди баррасӣ қарор гирифта, муаллиф бо далелҳои зиёд маъмулу машҳур будани истилоҳи “зарбулмасал”-ро собит намудааст. Дар ин фасл роҷеъ ба истилоҳи «зарбулмасал» ва муродифҳои он, ки дар кишварҳои ҳамзабони Тоҷикистон ва Эрон мавриди истифода қарор мегирад, баҳс намуда, муаллиф ба чунин натиҷа расидааст, ки ба кор бурдани истилоҳи «зарбулмасал» муносиб аст. Дар фаслҳои дувуму севум диссертант саъю кӯшиши зиёд харҷ карда, таърихчаи гирдоварӣ ва пажӯҳишу интишори зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистонро таълиф намудааст. Ӯ нахуст дар бораи маҷмуаи Муҳамадалии Ҳабларӯдӣ (Ҷабларӯдӣ) – “Маҷмаъ-ул-амсол”, ки дар асри XV дар Ҳиндустон тартиб дода шудааст, маълумоти муфассал медиҳад. Дар қарни XIX Воҷидалии Муҷмалӣ асареро ба забони форсӣ-тоҷикӣ таълиф кард, ки хусусияти энсиклопедӣ дошта, бо номи «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун» маъруфият дорад, ки он ҳам аз назари муаллифи диссертатсия дур намондааст. Ба дунболи ин, диссертант маҷмуаҳои дигар – “Зарбулмасалҳои форсӣ дар Афғонистон”-и Муҳаммадтақӣ Муқтадирӣ, “Амсолу ҳикам ба забони форсӣ”-и Иноятулло Шаҳронӣ, “Зарбулмасалҳо”-и Мавлавӣ Муҳаммади Хаста ва зарбулмасалҳои дар маҷаллаҳо нашршударо шарҳу тавзеҳ дода, арзиши диссертатсияашро боло бурдааст. Муаллифи рисола роҷеъ ба ҳар як маҷмуа ва китобу мақолаҳои марбут ба зарбулмасалҳои дарӣ фикру андешаи худро баён карда, мавқеи онҳоро дар фолклори мардумони даризабони Афғонистон муайян кардааст. Таваҷҷуҳи диссертант Наврӯзалӣ Ализодаро маҷмуаҳои дар Тоҷикистон чопшуда низ ба худ ҷалб кардаанд. Ӯ маҷмуаҳои С. Асадуллоев “Намунаи зарбулмасалҳо ва мақолҳои тоҷикон ва ӯзбекҳои вилояти Қатағани Афғонистон”, “Сухане аз чаман”-и мураттибон Д. Обидов ва С. Фатҳуллоев, “Фолклори даризабонони Афғонистон”-и С. Норматов ва чанде дигарро шарҳу тафсир дода,

ҳусну қубҳи ин маҷмуаҳоро муайян намудааст. Ҳамчунин баҳсҳои илмии роҷеъ ба зарбулмасалҳои дарӣ, ки дар пешгуфтори маҷмуаҳо ва рӯзномаву маҷаллаҳо чоп шудаанд, мавриди таваҷҷуҳи муллифи рисола қарор гирифтаанд. Махсусан баҳсҳои шадиди Турхон ном шахсе, ки дар заминаи гирдоварӣ ва таҳқиқи зарбулмасалҳо ҳеҷ коре накардааст, боиси нороҳатии муаллиф гаштааст ва ӯ менависад: "... аксари муҳаққиқони афғонистонӣ аз баҳсҳои илмии байналмилалӣ бехабаранд. Ин аст, ки мубоҳиса низ ба таври эҳсосӣ сурат гирифтааст" (рисола с.66). Дар ин боб хуб мешуд, ки диссертант фаслҳои 1.2 ва 1.3-ро муттаҳид мекард, зеро аз лиҳози мазмун ва фарогирии масъалаҳои гирдоварию нашру таҳқиқ ба ҳам хеле монанд мебошанд. Боби дувум иборат аз се фасл ва 7 зерфасл мебошад. Дар ин боб муаллифи рисола ба таҳқиқи хусусиятҳои жанрии зарбулмасал, мавзуъи зарбулмасалҳо, муқоисаи зарбулмасалҳои ҳамзабонон пардохта, зарбулмасалҳоро вобаста ба мавзуъ ба ҳафт гурӯҳ тақсим кардааст. Фасли аввали боби дувум "Хусусиятҳои жанрии зарбулмасал" ном дошта, фасли муҳими назарии рисола ба шумор меравад. Муаллиф дар ин фасл нахуст аз таърифи зарбулмасалҳо шуруъ карда, сипас баъзе хусусиятҳои ин жанри адабиёти шифоҳиро шарҳ додааст. Ӯ дар маҷмуаҳои зарбулмасалҳои дарии Афғонистон мушоҳада кардааст, ки мураттибону муаллифон матнҳои зарбулмасал ва ибораҳои фразеологиро ба ҳам омезиш медиҳанд. "Ба назари мо, навиштааст диссертант, сабаби аз ин баҳсҳои назарӣ бехабар будани муҳаққиқони афғонистонӣ боиси он гардидааст, ки бархе ибора, ҷумла, киноёт ва диғар анвои дар забони шифоҳӣ маъмулро бо зарбулмасал омезиш медиҳанд. Агар ҳар муҳаққиқи афғонистонӣ бо диққат машғули мутоилаи осори таҳқиқии забоншиносӣ ва фолклоршиносии байналмилалӣ роҷеъ ба зарбулмасал, ибораҳои фразеологӣ ва дигар анвои ибораҳо ва ҷумлаҳои ба он наздик шавад, масъала то ҳадде ҳалли худро меёбад"(рисола с.78). Мақолҳо низ як

навъи зарбулмасалҳо ба ҳисоб меравандл, зеро ба ҷуз аз тарзи баёни маҷозӣ дигар ҳамаи хусусиятҳояшон, аз он ҷумла шаклу ҳаҷм, мавриди корбурд, вазифа ва кӯтоҳию устуворӣ ба зарбулмасалҳо монанд мебошанд. Аз ин боб хуб мешуд, ки фасли аввал – "Хусусиятҳои жанрии зарбулмасал" ба боби севум, ки ба сохтор, бадеият ва забону услуби зарбулмасалҳо бахшида шудааст, интиқол меёфт. Ҳамчунин, унвони боби дувум васеъ шудааст, хусусиятҳои жанрӣ бо масоили муқоисаи зарбулмасалҳои ҳамзабонон зери як унвон чандон дуруст нест. Фасли дувуми боби дувум ба таснифи мавзуии зарбулмасалҳо бахшида шудааст. Муаллиф зарбулмасалҳои дариро ба мавзуъҳои кор ва заҳмат; тарбияи фарзанд; ахлоқ ва одоб; ростӣ ва дурустӣ; дурӯғ ва дурӯғгӯйӣ; зан, модар ва духтар; ихтилофи табақоти синфӣ ҷудо кардааст. Зарбулмасалу мақолҳо барои тарбияи инсон, ба вижа насли ҷавон ва танқиди хислатҳову рафтору гуфтори номатлуби баъзе ашхоси ҷомеа мавқеи муҳим доранд. Зеро дар ҳамаи мавзуъҳои ҳаётӣ даҳҳо зарбулмасалҳо эҷод шуда, густариш ёфтаанд. Аз ин рӯ, муаллиф дар рисола ба ин ҷиҳати зарбулмасалу мақол таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст. Дар фасли севуми боби дувум муаллифи рисола зарбулмасалҳои ҳамзабононро муқоиса кардааст. Бояд гуфт, ки дар унвони ин фасл ба ҷойи калимаи "ҳамзабонон" бояд "форсизабонон" меомад, зеро вожаи ҳамзабононро метавон барои намояндагони русзабону англисзабон ва арабизабонони ҷаҳон нисбат ба якдигарашон ба кор бурд. Яке аз мавзуъҳои асосие, ки таваҷҷуҳи инсонро аз замонҳои бостон ба худ ҷалб намудааст, ин аз тариқи кору заҳмат рӯзгори худро пеш бурдан аст. Мавзуи кор ва заҳмат асоси рӯзгори мардум аст. Аз ин рӯ, зарбулмасали «Аз бекор Худо безор»-ро дар тамоми Афғонистон метавон мушоҳида кард. Тавсифи кор, фаъолияти корӣ, осон набудани кор бо рамзу роз дар байни даризабонони Афғонистон зарбулмасалҳои зиёде дида мешаванд. Маълум аст, ки ҳамаи зарбулмасалҳо миқёси паҳншавӣ доранд, (1)

баъзе зарбулмасалҳо байни форсизабонон муштараканд, бархе дигар миёни халқҳои ҳамсояи Афғонистон; (2) силсилаи дигари зарбулмасалҳои хусусиятҳои этникӣ доранд ва хосси як халқанд; (3) ниҳоят чанде аз зарбулмасалҳо маҳдуд ба як ноҳия ва ё маҳалланд, ки танҳо мардуми он маҳал онро мефаҳаманд, истифода мебаранд ва чунин барои онҳо арзиш дорад. Дар рисола роҷеъ ба шабоҳати чанд зарбулмасали форсизабонон ишора шуда, тавсиаи онҳо нишон дода шудааст. Боби севуми диссертатсия масъалаҳои сохтор, бадеият, забон ва услуби баёни зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистонро фаро гирифтааст. Дар фасли якуми он сохтор, вазн, қофия, радиф ва саҷъ дар зарбулмасалҳо таҳти баррасӣ қарор гирифта, муаллиф бо далелҳои зиёд хусусиятҳои тасвири бадеии зарбулмасалҳоро ошкор кардааст. Дар фасли аввали ин боб муаллиф нахуст роҷеъ ба баррасии сохтори зарбулмасал пардохтааст. Ӯ дар бораи зарбулмасалҳои дарии манзуму мансур, тарзи баён ва ҳаҷми ҷумлаҳо сухан ронда, мавқеи онҳоро дар фолклори даризабобон нишон додааст. Дар ин ҷо як андоза сохтори зарбулмасал пурра кушода шудааст, аммо хусусияти маҷозии он, тафовути зарбулмасал аз мақол, веллеризм, киноя, панду маслиҳат ва дигар анвои паремиологӣ чандон равшан нашудаанд. Фасли дувуми боби дувуми рисола фарогири таҳлили санъатҳои бадеии таркиби зарбулмасалҳо мебошад. Муаллиф ба санъатҳои зиёди таркиби зарбулмасалҳо ишора карда, хусусияти бадеӣ ва образофариро дар онҳо хеле хуб таҳқиқ кардааст. Дар фасли севум муаллиф саъй намудааст, ҷойгоҳи зарбулмасалро дар контекстҳо нишон диҳад. Дар ин бахш матни зарбулмасалҳо дар дохили нақлу ҳикоятҳо оварда шудаанд, ки барои фаҳмидани маънои дурусти ин ё он зарбулмасал, воқеан, донистани ин ҳикоятҳо лозиманд. Чунончӣ, матни “Дастатро ба дарёи Атак шустӣ, очор болои сарат надидӣ” бо ҳикояи ҷолибе баён шудааст. Дар фасли чоруми диссертатсия хусусиятҳои забонӣ ва услубии зарбулмасалҳо таҳлилу баррасӣ шудаанд. Дар ин фасл

хусусиятҳои луғавии калимоти таркиби зарбулмасалҳо ва чанд нукта доир ба морфология зикр шудаанд. Фасли сеюми боби сеюм ба яке аз масоили муҳим **«Зарбулмасалҳо дар контекст»** бахшида шудааст. Гӯяндаи матн дар ин ё он маврид тибқи ҳамон воқеа ва ҳодисаи зиндагӣ зарбулмасали ба ҳамон лаҳза муносибро ба кор мебарад. Ба ин далел, барои дарки комили ҳар матни сода ва ё мураккаб дар кадом муҳит ё контекст бар кор бурдани онро донистан муҳим аст. Дар ин фасл ёдоварӣ шудааст, ки бархе муҳаққиқон зарбулмасалҳоро дар контекст сабт намудаанд. Сипас, бо мисолҳо нақши матн дар контекст нишон дода шудааст. Маълум аст, ки муаллиф ин ҷо дастурҳои забони тоҷикӣ, ки дар заминаи грамматикаи забони русӣ сохта шудаанд, истифода кардааст. Диссертант дар саҳифаи 144 номи шахсиятҳои таърихӣ, асотирӣ, воқеиро дар зарбулмасалҳо зикр кардааст: «Агар дунёра об бубарад, Хайрмуҳаммада хоб бубарад», «Аёз, қадри худро бишнос, ҳаму ҷамус, ҳаму дос», «Азбаски сахт аст, ҷон ба Азроил намедиҳад», «Аз зери камони Рустам тир шуд», «Бепир марав дар харобот, ҳарчанд ки Сикандари замонӣ», «Бо Оли Алӣ ҳар кӣ дарафтод, барафтод», «Бозори Мустафо, харидор Худо», «Бозори таҳвилхона Хизр аст», «Исо ба дини худ, Мӯсо ба дини худ», «Кай расад дасти ниёзи мо ба пойи нози ту, Домани Лайлӣ баланду дасти Маҷнун норасост». Агар муаллиф ин намунаҳоро дар бахши санъати талмеҳ меовард, нуран алонур мешуд. Диссертант дар заминаи тадқиқоти анҷомдодааш хулосаҳои ҷузъиву умумӣ ҳосил намуда, онҳоро мухтасар дар охири фаслу бобҳо ва муфассал дар қисми хулоса зикр намудааст. Ба таври умумӣ метавон гуфт, ки Ализода Наврӯз Алӣ тадқиқоти хуберо доир ба зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон ба анҷом расонидааст. Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳо ва хулосаи андешаҳои муаллиф дар 12 банд оварда шудаанд. Диссертатсияи анҷомёфта аввалин кори нисбатан куллӣ буда, барои таҳқиқ ва таҳлилу ҷузъиёти бештари зарбулмасалҳои даризабонон як навъ

роҳнамо хоҳад буд.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Ализода Наврӯз Алиро метавон яке аз таҳқиқоти муҳим дар адабиётшиносии тоҷик унвон намуд, ки бо равиши хос, сабки комилан илмӣ, корбурди маводи фаровон ва сарчашмаҳои муҳимми адабӣ ва илмӣ таълиф шуда, аз ғановати илмӣ ва донишмандии муҳаққиқ дарак медиҳад. Аз феҳрасти адабиёт ва автореферати он бармеояд, ки диссертант давоми чанд сол ба ин масъалаи илмӣ машғул шуда, як рисолаи илмии арзишмандеро рӯи кор овардааст. Аз 12 мақолаи илмӣ, ки ба диссертатсия махсусанд, 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшаванда нашр шудаанд ва ин далел ҳам гувоҳи дониши фаровон ва истеъдоди баланди диссертант дар кори таҳқиқ мебошад.

Ҷанбаҳои хуб ва муваффақиятҳои рисола зиёданд, аммо азбаски мавзуи мавриди пажӯҳиш васеъ мебошад, дар он баъзе камбудиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки дар поён мо ба чанде аз онҳо ишора мекунем:

1. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, - ба андешаи мо, - фарогири тамоми муҳтавои рисола нестанд. Беҳтар мебуд, агар муаллиф ҳамин паҳлуи кори илмии хешро ба таври фарохтар таҷдиди назар мекард ва банақшагирии таҳқиқоташро муфассалтар менамуд.

2. Дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзуъ диссертант иддае аз муҳаққиқони ин риштаи таҳқиқоти адабиётшиносиро(фолклоршиносиро) сарфи назар намудааст, ки пешниҳод, муқоиса ва таҳлили ақоиди ин зумраи олимон ҳусни илмии таҳқиқотро пурарзиштар мекард.

3. Диссертант дар баъзе фаслҳои рисолаи худ иқтибосоти зиёдеро (саҳ. 31, 33, 38, 39, 40, 48, 62, 67 ва ғ.) пайиҳам овардааст, ки ба паҳлуи илмии таҳқиқот костагӣ ворид намудаанд. Агар ба ҷои иқтибосоти зиёди пай дар пай андешаҳои илмии худро ба таври мустақил изҳор мекард, ақидаҳои илмии муаллиф оид ба пайдоиш, рушд ва серистеъмолии зарбулмасалҳо боз ҳам равшантар баён мешуд, зеро, воқеан ҳам, дар фолклори Афғонистон зарбулмасалҳо мавқеи боризро доро мебошанд.

4. Аз натиҷаи таҳлили рисола ва фишурда бармеояд, ки дар фаслҳои таҳқиқи вазну санъатҳои бадеӣ дар зарбулмасалҳо баъзан ба хатоҳои вазнӣ ва рукнӣ (саҳ. 112, 113, 114, 115) роҳ дода шудааст, ки ислоҳи онҳо муҳим мебошад.
5. Агар дар рӯйхати адабиёти илмӣ маводҳои аз шабакаҳои иҷтимоӣ(интернет) истифодашуда низ зикр мегардиданд, авлавияти маводҳои илмии истифодашуда саҳеҳтар мегардид.
6. Дар мавриди унвонгузории фаслҳои бобҳо ва фарогирии самти таҳқиқот дар рисола агар муаллиф ба мӯҷазбаёнӣ ва дақиқкорӣ роҳ медод, имкони бештари кушодани муҳтавои таҳқиқот ба ӯ муяссар мешуд.

Чунин эродҳо ҷузъӣ буда, ҳаргиз сифати илмии рисоларо коста намесозанд. Мазмун ва муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 12 адад буда, шаштои онҳо дар маҷаллаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд, пурра инъикос мекунанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Ализода Наврӯз Алӣ бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқ, ки дар шиносномаи ихтисоси 10. 01. 09 –Фолклоршиносӣ таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунанд.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Ализода Наврӯз Алӣ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ализода Наврӯз Алӣ дар мавзуи **«Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон»** ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти

Фолклоршиносӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 25 -уми августи соли 2023, суратҷаласаи № 1 муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 18 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа:
номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шамсов Н. С.

Эксперт:
доктори илми филология, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Давлатбеков Л. М.

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илми филология, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Боев Ш. Э.

Имзоҳои н.и.ф. Н. С. Шамсов, д.и.ф. Л. М. Давлатбеков
ва н.и.ф. Ш. Э. Боевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б. Ғ.

734019, ш. Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев 17/6.
Тел: (+992 37) 232-50-00;
E-mail: shamsov1960@mail.ru

25-уми августи соли 2023.